**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Ҳукумати мамлакат роҳҳои пешбурди минбаъдаи ҷумҳурӣ ва зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро дар доираи ҳадафҳои асосии стратегӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар тарҳрезӣ намуда, онро тадриҷан амалӣ гардонида истодааст. Ба истиқлолияти давлатӣ расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷорӣ шудани муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ дар хоҷагиҳои шаклашон гуногун, истифода гардидани замин аз кормандони комплекси агросаноатии мамлакат талаб менамояд, ки заминҳои корам дар ҷумҳурӣ самаранок ва оқилона истифода бурда шаванд.

Соҳаи саноати кондитерӣ ва хӯрокаи Тоҷикистон ҳамасола ба миқдори зиёди дони чормағзи заминӣ эҳтиёҷ дорад, ки таъминоти он аз дигар давлатҳо роҳандозӣ шуда истодааст. Бинобар ин, масъалаи баланд бардоштани ҳосилнокии дони зироатҳои равғандиҳанда, аз ҷумла чормағзи заминӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаби соҳаи саноати аграрӣ ба шумор меравад.

Парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ пас аз ҷамъоварии зироатҳои ғалладонагии кишти тирамоҳӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, донаш барои истеҳсоли равғани растанӣ ва хӯрока, тайёр намудани маводҳои қаннодӣ ва баргу пояаш ҳамчун хӯрокаи серғизои чорво истифода бурда мешавад.

Бегназаров Д.Б. бори аввал дар шароити заминҳои обии минтақаи Ҳисор технологияи парвариши чормағзи заминӣ, аз ҷумла муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳоро дар кишти ангорӣ таҳқиқ намудааст, ки ба рӯёнидани ҳосили фаровони дон, анбӯҳи сабз ва истеҳсоли равғани растании ватанӣ равона гардидааст.

Диссертант пешниҳод менамояд, ки дар шароити камзамини ҷумҳурӣ барои истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда кишти чормағзи заминии навъи “Тоҷикӣ-15” дар кишти ангорӣ дар даҳрӯзаи якӯми моҳи июн бо зичии 116 ҳазор растанӣ дар 1 га ё 7 дон дар 1 метри тулони амалӣ карда шавад. Ин усули агротехники имконият медиҳад, ки

32,9 с/га ҳосили ғилофак ва 20,4 с/га дон гирифта шуда, руёнидани 900 кг равғани растаниро таъмин намояд.

Автореферати диссертатсия ва маводи чопшуда инъикоскунандаи мазмуни асосии кори анҷомдодашуда ба ҳисоб меравад ва таҳқиқоти Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ арзанда мебошад.

Ходими пешбари илмии Шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05 - селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ Камолов Н.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 21а
E-mail: bogparvar@mail.ru
Тел: (+992) 937-88-13-30, 221-54-43

Имзои Н.Камоловро тасдиқ мекунам:
нозир доир ба кадрҳо Сафарова З.А.

ИНСТИТУТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН * ШУЪБАИ КАДРҲО